# Бобоҷон Ғафуров



**Тарҷумаи ҳол.** Бобоҷон Ғафуров(1908-1977) қаҳрамони Тоҷикистон, арбоби сиёсию давлатӣ ва муаррихи тоҷикӣ, узви фарҳангистони улум ва муаллифи чанд китобе, ки ба тоҷикӣ ва русӣ мунташир шудаанд, аст. Дар байни осори вай китобҳои чун "Таърихи Тоҷикистон" ва "Тоҷикон" ҷо мегиранд. Вай дар рустои Исфисар дар назди Хуҷанд ба дунё омад. Дараҷаи доктории худ аз Муассисаи Таърихи Фарҳангистони Улуми Иттиҳоди Шӯравӣ барои рисолаи "Таърихи мазҳаби Исмоилиён" дар соли 1941 ба даст овард. Аз 1994 то 1946 вай дар вазифаи дабири дуввум ва аз огасти 1946 то 24 мэйи 1956 дар вазифаи нахустин дабири Кумитаи Марказии Ҳизби Комунистии Тоҷикистон буд. Аз соли 1956 то поёни зиндагиаш Ғафуров вазифаи мудири Муассисаи Пажуҳишҳои Шарқшиносии Фарҳангистони Улуми Иттиҳоди Шӯравӣ ва муҳаррири маҷаллаи "Осё ва Африка" бар ӯҳда дошт. Шаҳри Ғафуров ва Ноҳияи Ғафуров(ки қаблан ба номи Ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мазкур буд) дар Вилояти Суғд номи вай доранд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 8 сентябри соли 1997 ба таърихшинос ва шарқшиноси шинохтаи тоҷик, академик, муаллифи китоби «Тоҷикон» Бобоҷон Ғафуров унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.